# ТАҚРИЗ

**ба автореферати рисолаи Муродова Моҳира Ҳусеновна дар мавзӯи: «Баҳодиҳии маҳсулнокии гӯсфандон аз рӯи нишондиҳандаҳои биохимиявии хун», барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои биологӣ аз рӯи ихтисоси 03.01.04 - Биохимия пешниҳод шудааст.**

Умуман, дар соҳаи чорводорӣ хун яке аз манбаи асосии муайянкунандаи маҳсулнокии чорво ба ҳисоб меравад. Аз ин хотир мубрамияти кори унвонҷӯй аз он вобастагӣ дорад, ки алоқамандии маҳсулнокии зоти гӯсфанди тоҷикиро бо нишондиҳандаҳои таркиби хун вобаста намудааст. Инчунин муайян намудааст, ки вобаста ба компонентҳои таркиби хун маҳсулнокии чорво низ баланд мегардад. Ба таври мукаммал омӯхтани ҷараёни мубодилаи модда дар организм ва равон намудани он ба як самти муайян бе донистани ҳаматарафаи хусусиятҳои сафедаҳои таркиби хун имконнопазир мебошад.

Мавзӯи рисолаи Муродова М. Ҳ. хеле муҳим буда, дар шароити минтақаи ҷануби Тоҷикистон дар хоҷагии зотпарварии ба номи С. Шерназарови ноҳияи Хуросони вилояти Хатлон таҳқиқотҳои илмӣ гузаронида шудааст. Яке аз омилҳои муҳим - ин ҷорӣ намудани тестҳои самаранок дар асоси дастовардҳои илми биология мебошад. Барои муайян намудани маҳсулнокии ояндаи гӯсфандони зоти тоҷикӣ тағйирёбии миқдори умумии сафедаҳои зардоби хун, албуминҳо ва глобулинҳо таҳлилҳо гузаронида шудааст.

Истифода бурдани тестҳои биохимиявӣ барои пешгӯйӣ намудани маҳсулнокии ояндаи гӯсфандони зоти тоҷикӣ имкон медиҳад, ки самаранокии корҳои селексионӣ ҳангоми бадастовардани рамаҳо баланд бардошта шаванд. Унвонҷӯ дар ҷамъоварӣ ва ҷустуҷӯи адабиётҳои зарурӣ ҳангоми гузаронидани таҷрибаҳои саҳроӣ ва озмоишгоҳӣ, коркарди оморӣ, таҳлил намудани маводҳои истифодашуда саҳм гузоштааст. Натиҷаҳо нишон дода шудааст, ки вобаста ба болоравии синну соли чорвоҳои зери омӯзиш қарор гирифта, тағйирёбии миқдории умумии сафедаҳо ва ҳиссаҳои он дар зардоби хун тағйирёбандаанд.

Рисолаи Муродова Моҳира Ҳусеновна мувофиқи банди 30-юми фасли 3-юми Низомномаи намунавӣ оид ба шуроҳои диссертатсионӣ доир ба “Пешниҳод ва ҳимояи диссертатсияҳо” (қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 26-уми ноябри соли 2016 таҳти №505) ҷавобгӯ буда, муаллифи он барои ҳимоя бо мақсади дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои биологӣ, аз рӯи ихтисоси 03.01.04 - Биохимия сазовор аст.

Профессори кафедраи зоотехнияи ҷузъии
Донишгоҳи аграрии Тоҷикистон ба номи
Ш.Шоҳтемур, доктори илмҳои кишоварзӣ,
узви вобастаи Академияи илмҳои
табиатшиносии Россия Рузиев Туйчӣ Бадалович

Суроға: Ҷумҳурии Тоҷикистон, 734003,
ш. Душанбе, хиёбони Рудакӣ, 146
Тел.: +992 907 91 12 01
E-mail: tyuhi.ruziev@mail.ru

Имзои Т.Б. Рузиевро тасдиқ мекунам:
шуъбаи таъминоти ҳуқуқӣ ва кадрҳои
Донишгоҳи аграрии Тоҷикистон
ба номи Ш. Шоҳтемур Раҷабова А.

22.05.2025